# ШУҒЛ ВА МУҲОҶИРАТ

...Ризқи худ соҳибҳунар аз санг пайдо мекунад.

№16(393) / 04 октябри соли 2023

Аз январи соли 1998 нашр мешавад.

Нашрияи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

www.mehnat.tj Rrohnamo@mail.ru +992 93-483-36-36 Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон


## ЗАБОН - ОЙИНАИ СИМОИ ПУРҶИЛОИ МИЛЛАТ



Забон ойинаест, ки дар он симои пурҷилои миллат равшан инъикос мешавад ва мо бояд ба қадри ин нишонаи ҳастии миллатамон расем ва дар баробари ин, ба омӯзиши забонҳои русиву англисӣ ҳамчун забонҳои муоширати байналмилалӣ эътибори аввалиндараҷа диҳем.

“Мо бояд забони шево ва шоиронаи тоҷикиро мисли модар ва Ватани худ дӯст дорем ва онро ҳамчун гавҳари бебаҳои ҳастиамон ҳифз кунем”, - изҳор доштаанд Пешвои муаззами миллатамон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Аз ин рӯ, ҳар як фарди бедордил бояд барои ғанӣ гардидани забони модарӣ ва омӯхтани забонҳои хориҷӣ кӯшиш кунад, ба мутолиаи китоб диққати аввалиндараҷа диҳад ва ҷиҳати баланд бардоштани маърифатнокии худ саъю талош намояд.

Дар ин росто Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста таъкид мекунанд, ки таърихи пурифтихори халқи тоҷик мактаби бузурги худшиносӣ мебошад ва мо вазифадорем, ки ба он арҷ гузорем, саҳифаҳои дурахшони қаҳрамониву диловарии гузаштагони худро омӯзем ва онро ҳамчун асоси ғояи ватандӯстиву садоқат ба Ватан ташвиқ намоем.

**Забони ширину шевои тоҷикӣ муҳимтарин унсури ҳастӣ ва бақои умри миллати куҳанбунёди мо мебошад, ки дар даврони истиқлол ва дар марҳалаи бунёди давлатдории миллӣ рисолати миллатсозиву давлатсозии худро бо рангу ҷилои тоза идома бахшида истодааст.**

**ЭМОМАЛӢ РАҲМОН**

Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ: 231-49-19


РӮЗИ ЗАБОН 2

БУЗУРГТАРИН ВА ГАРОНБАҲОТАРИН ДОРОИВУ САРВАТ



ДАР ДОИРАИ БАРНОМА 3

ФАРОГИРИИ ҶАВОНОН БА ШУҒЛИ ПУРМАҲСУЛ



ДАР АРЗҲОИ ДӮСТӢ 4

УФУҚҲОИ НАВИ ДӮСТИВУ ҲУСНИ ҲАМҶАВОРӢ



РОҲНАМОИИ КАСБӢ 5

ХУШБАХТИИ ИНСОН – ДАР ИНТИХОБИ ДУРУСТИ КАСБ



Нашрияи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Шуғл ва МУҲОҶИРАТ

# БУЗУРГТАРИН ВА ГАРОНБАҲОТАРИН ДОРОИВУ САРВАТ

**Забон яке аз рукнҳои асосии давлатдорӣ ба ҳисоб рафта, гузашта аз ин муаррифи миллат мебошад, ки дар ҳама соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, қонунгузорӣ, робитаи дипломатӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, илмӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ифтихор истифода мешавад.**

**Бинобар ин, дар Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон арҷгузорӣ ба забони давлатиро, ки ҳамчун рукни муҳимтарини ҳастии миллат, пойдевори асосии давлатдорӣ ва фарҳангу маънавиёти халқамон дониста шудааст, вазифаи инсониву виҷдонии ҳар як фарди бананг номус медонанд.**

**Вобаста ба ин, нашрия мақолаи муовини сардори Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии вилояти Хатлон ЗОКИРЗОДА Раҳматулло Изатуллоро, ки бахшида ба 32-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кори тулониву босамар ва фаъолияти густарда бо Ифтихорномаи мақомоти иҷроияи Ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон қардонӣ шудааст, манзури хонанда менамоем. Бо истифода аз фурсат, муаллифи мақоларо бо 60-солагии зодрӯзаш низ муборакбод мегӯем.**

Пешвои муаззами миллатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба забони тоҷикӣ чунин баҳо додаанд: “Забони мо, яъне забони шоиронаву зебои тоҷикӣ бузургтарин ва гаронбаҳотарин дороиву сарвати мо, ифтихори мо ва рӯйи сурху сари баланди мо мебошад”.



Сездаҳ сол пеш, яъне 5-уми октябри соли 2009 бо назардошти воқеияти замони соҳибистиқлолӣ ва давлатдории миллӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ» қабул карда шуд.

Ин санаи муҳим Рӯзи забони давлатӣ эълон гардид ва ҳар сол аз ҷониби соҳибзабонон, яъне мардуми шарифи Тоҷикистон, вазорату кумитаҳо ва ташкилоту муассисаҳо васеъ таҷлил мегардад.

Қобили зикр аст, ки масъалаи забони давлатӣ ва тақвияту тахкими мақоми он дар таърихи давлатдории навини мо ҳамеша яке аз масъалаҳои муҳимтарин ва аввалиндараҷа ба ҳисоб рафта, имрӯз низ пайваста дар маркази диққати давлату Ҳукумати мамлакат қарор дорад.

Яъне забони давлатӣ дар Тоҷикистон зери ҳимояву пуштибонии мустақими давлат қарор дошта, барои рушду пешрафти он дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи кишвар, вилоят, шаҳру ноҳияҳо ва сохторҳои тобеи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ҳамаи шароиту имкониятҳо фароҳам оварда шудаанд.

Боиси қаноатмандист, ки дар ин раванд, давра ба давра барномаҳои рушди забони давлатӣ таҳия, тасвиб ва амалӣ карда мешаванд. Аз ҷумла, Барномаи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020−2030, ки 29-уми ноябри соли 2020 қабул гардид, дурнамои рушди забони моро барои даҳ соли оянда дар бар гирифта, ба татбиқи муваффақонаи қонуни забон равона шудааст.

Бо ин мақсад, мо бахри баланд бардоштани савияи дониши кормандон дар доираи дарсҳои пайвастаи идоравӣ дар Раёсат ва сохторҳои он дар шаҳру ноҳияҳои вилоят ба иштирокчиёни машғулиятҳо муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 октябри соли 2009, № 553 “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Барномаи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020−2030 ва Дар бораи “Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ”, ки аз 30 июни соли 2021, № 268 ба тасвиб расидааст, ҳамаҷониба фаҳмонда, аз рӯйи онҳо кор бурда мешавад. Илова ба ин, аз ҷониби шахсони масъул оид ба дурустии ҳуҷҷатгузорӣ, дафтардорӣ, таҳияи мактубҳою ахборот, тамғаю муҳр, матни навиштаҷот, шиору овезаҳо ва гӯшаҳои иттилоотӣ мутобиқи талаботи Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва тибқи талаботи Дастурмали намунавии коргузорӣ дар мақомоти давлатӣ, муассиса, корхона ва дигар ташкилотҳои вилоят, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2017, №357 тасдиқ карда шудаст, доиман суханронӣ ва мулоқоту вохӯриҳо баргузор карда мешаванд.

Дар ин раванд, ба фикри инҷониб, зарур аст, ки ба масъалаи сайқал додани фарҳанги муошират бо забони давлатӣ, аз ҳар гуна унсурҳои ғайри қобили қабул поку бегазанд нигоҳ доштани он, инчунин дар қалбу зеҳни мутахассисони ҷавон бедор намудани ҳисси эҳтиром бо забони модарӣ аз ҷумлаи вазифаҳои ҳар шахси соҳибватан мебошад.

**Дар акс: Муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Усмоналӣ Усмон, Раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид зимни супоридани Ифтихорномаи Мақомоти иҷроияи Ҳокимияти давлатии вилоят ба муовини сардори Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии вилоят Р.И. Зокирзода.**

# ҲАМОИШИ ИЛМӢ БА ИФТИХОРИ РӮЗИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ

3 октябр ба ифтихори Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоиши илмӣ доир гардид.

Муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ализода Алишер Ҳикматулло бахшида ба Рӯзи забони давлатӣ иштирокдорони ҳамоишро табрик намуда, ёдовар шуд, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ барои инкишофи забони тоҷикӣ имконияти васеъ фароҳам омад, ки заминаи он аз моддаи 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад. Яъне, “забони давлатии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст”. Ба ин асос тамоми фаъолияти сиёсӣ, иҷтимоӣ, моддӣ, маънавию маърифатӣ дар кишвар ба забони тоҷикӣ ба роҳ монда шудааст.

“Бояд қайд намуд, ки инкишофи ин рукни давлатдорӣ дар замони истиқлоли давлатӣ ба нақши боризи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон алоқамандии ногусастанӣ дорад. Пеш аз ҳама фароҳам овардани асосҳои қонунӣ барои таъмини заминаҳои устувории он ҳамчун забони давлатӣ ва андешидани тадбирҳо ҷиҳати иҷрои сиёсати давлатии забон нишони арҷгузории барҷастаи Сарвари давлат ба забони модарӣ мебошад. Дар ин давра мақоми сиёсӣ ва иҷтимоию фарҳангии забони тоҷикӣ боло рафт. Дар Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамаи сохторҳои он комиссияҳо оид ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» амал мекунанд, ки раванди истифодаи забони давлатӣ, истилоҳоти соҳаҳои вазорат ва татбиқи қонуни мазкурро назорат ва амалӣ менамоянд”, - афзуд муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.



Дар идома, сиёсатшинос, мудири шуъбаи робитаҳои хориҷии адабии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Абдуллоҳи Раҳнамо дар бораи вазифаҳои забони миллӣ маъруза карда, иброз дошт, ки забони тоҷикӣ бузургтарин сармоя ва муҳимтарин омили нигаҳдорӣ, ҳимоя ва интиқолдиҳандаи фарҳангу тамаддун ва суннату анъанаҳо буда, дар ҳифзи асолати миллӣ нақши ҳалкунанда дорад. Он ҳамчун омили муҳими пойдории миллат ва давлатдории миллӣ аз ҷониби давлату Ҳукумати ҷумҳурӣ ҳимоя мешавад. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои тарвиҷи забони тоҷикӣ роҳи васеъ кушод, бар мабнои ин қонун забони тоҷикӣ ба сифати забони давлатӣ дар тамоми муассисаҳои олии таълимии ҷумҳурӣ омӯзонида мешавад. Дар баробари қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030” қабул ва мавриди амал қарор дода шудааст, ки барои дурнамои рушди сиёсати забони давлатӣ дар ҷомеа заминаҳои ҳуқуқӣ, моддӣ ва иҷтимоиву иқтисодӣ фароҳам меоварад. Дар доираи татбиқи он маҷмуи чорабиниҳо барои рушди даҳсолаи забон амалӣ мегардад.

Ҳамчунин, мавсуф оид ба масъалаҳои ҳифзи забони миллӣ аз хатарҳои ҷаҳонишавӣ, нақши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушди забони тоҷикӣ, саҳми забони миллӣ дар рушди худшиносии миллӣ ва давлатдории навини тоҷикон андешаронӣ кард.

Дар охир, иштирокдорони ҳамоиш ба саволҳои худ аз ҷониби сиёсатшинос, мудири шуъбаи робитаҳои хориҷии адабии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Абдуллоҳи Раҳнамо ҷавобҳои қонеъкунанда гирифтанд.

**Хабарнигори мо**

Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ: 236-96-02

# ФАРОГИРИИ ҶАВОНОН БА ШУҒЛИ ПУРМАҲСУЛ

**“Ҷавонон таҳкимбахши дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ ва пайравони асили Пешвои миллат буда, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба насли ҷавони кишвар ҳамчун неруи созанда ва бунёдкор эътимоди комил доранд ва дар сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирии ҷавонон аз мавқеи хос бархурдор аст.”**

Далели возеҳи ин гуфтаҳо он аст, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” 23 декабри соли 2022, аз ҷониби Роҳбари давлат таъкид гардид, ки: «Бо дастгириву ғамхорӣ фаро гирифтани ҷавонон, ҳаллу фасли мушкилоти ҳаёти онҳо ва истифодаи дурусту оқилона аз ин захираи стратегии миллӣ ба хотири ободиву пешрафти Ватан ва таъмини амнияту суботи ҷомеа аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарине мебошанд, ки тахти таваҷҷуҳи хоссаи Ҳукумати мамлакат қарор доранд, зеро Тоҷикистон худ кишвари ҷавонон аст».

Воқеан ҳам, имрӯз аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади пешбурди сиёсати бобарори давлатӣ дар ҷодаи дастгирии ҷавонон заминаи ҳуқуқӣ фароҳам оварда шудааст.

Мусаллам аст, ки тадбирҳои андешидашаванда аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон заминаҳои мусоид фароҳам меоранд.

Дар робита ба ин нукта, иброз медорам, ки Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон, дар радифи дигар ниҳодҳои давлатӣ, мавқеи арзанда дорад.

Ҷавонон бояд бо омодагии комил ва малакаи касбии ҷавобгӯй ба талаботи бозори меҳнат, вориди муносибатҳои меҳнатӣ гарданд.

Қобили қайд аст, ки дар ҷумҳурӣ шумораи ҷавонони синни 15 - 29 сола, ки қобили меҳнат ҳисобида мешаванд, 2 млн. 879 ҳазор нафар ё 51 фоизи захираҳои меҳнатиро (5 млн. 640 ҳазор) ташкил медиҳанд.

Аз ин хотир, фароҳам овардани шароит барои мусоидат ба шуғли ҷавонон ва ҷалби онҳо ба фаъолияти созанда яке аз афзалиятҳои асосӣ дар сиёсати иҷтимоии кишвар мебошад.

Дар ин замина, яке аз роҳҳои асосии фаъолгардонии ҷавонон ин ба шуғли муносиб, арзанда ва пурмаҳсул фаро гирифтани онҳо ба шумор меравад.

Ба шуғли муносиб фаро гирифтани ҷавонон, ин мусоидат ба раҳонидани ҷомеа аз бӯҳрони иқтисодӣ, таҳкими заминаҳои иҷтимоию маънавӣ ба ҳисоб рафта, ҳамзамон ба раванди рушди сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон суръат мебахшад.

Маҳз бо дарназардошти муҳиммии бо шуғл таъмин намудани аҳолии қобили меҳнат, бахусус ҷавонон дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 декабри соли 2021 зарурати таҳия ва татбиқ намудани Консепсияи шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 ба миён гузошта шуд, ки лоиҳаи санади мазкур таҳия ва бо қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022 қабул гардид.

Моҳи августи соли равон бо қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи миёнамуҳлати рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027 ба тасвиб расид, ки бешак барои баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат ва таъмини ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон, аз ҷумла ҷавонон заминаи мусоид фароҳам меорад.

Ҳамчунин, дар доираи амалисозии Барномаҳои давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки боби алоҳидаи он «Дастгирии иҷтимоии ҷавонон» ном дорад, хизматрасониҳои давлатӣ анҷом дода мешаванд.

Дар натиҷаи амалӣ намудани тадбирҳо давоми нимсолаи якуми соли 2023 дар доираи чорабиниҳои Барномаи болозикр 21,7 ҳазор нафар ҷавонон бо ҷойи кор таъмин ва 5,6 ҳазор нафар ба тайёрии касбӣ ҷалб карда шуда, 5,0 ҳазор нафар аз хизматрасониҳои роҳнамоии касбӣ бархурдор гардиданд.

Дар баробари ин, 1,5 ҳазор нафар ҷавонони бекор ба иҷрои корҳои ҷамъиятии музднок сафарбар карда шуда, бо ин мақсад 446,7 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби маблағҳои Барномаи зикршуда хароҷот гардид.

Ҳамзамон, барои дастгирии ташаббуси соҳибкории 508 нафар ҷавонони бекор 1,9 млн. сомонӣ ва барои пардохти кумакпулӣ дар давраи бекорӣ ба 6,9 ҳазор нафар ҷавон 5,2 млн. сомонӣ пардохт карда шуд.



Омили муҳим дар мусоидат ба шуғли ҷавонон раванди ба тайёрии касбӣ фаро гирифтани онҳо ба ҳисоб меравад.

Дар тобеияти вазорат 60 литсейи касбии техникӣ, 1 коллеҷ, 45 маркази ҳунарҳои миллӣ ва муосир, 5 маркази таълимӣ бо 45 филиал ва 29 намояндагӣ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои мамлакат фаъолият дошта, барои соҳибкасб намудани ҷавонон ва таъмини соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ бо кадрҳои коргарии мавриди талабот нақши калон доранд.

Ҳамасола муассисаҳои таълимии тобеи вазоратро зиёда аз 65 ҳазор нафар шаҳрвандон аз рӯи 14 самт ва 210 касбу ихтисос хатм менамоянд.

Бояд тавзеҳ дод, ки хонандагон ва хатмкардагони муассисаҳои таълимии тобеи вазорат, давомдиҳандагони пайроҳаи Пешвои миллат ҳастанд, ки дар оғӯши яке аз ин муассисаҳои таълимӣ ҳунар омӯхтаанд.

Маврид ба қайд аст, ки дар давоми 6 соли охир ҳамасола бо мусоидати мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар муассисаҳои таълимии тобеи вазорат ва дигар муассисаҳои таълимии дар ҷумҳурӣ фаъолиятдошта зиёда аз 100 ҳазор нафар шаҳрвандон, ки аксарияти онҳоро ҷавонон ташкил медиҳанд (70%), ба курсҳои кӯтоҳмуддати касбу ҳунаромӯзӣ фаро гирифта шудаанд.

Танҳо давоми солҳои 2018-2022 ва нимсолаи якуми соли равон тавассути Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ, ба таври ройгон 62,5 ҳазор нафар ба касбомӯзӣ фаро гирифта шуд.

Бо мақсади тақвияти фаъолият дар самти бокортаъминкунии ҷавонон тибқи дастуру супоришҳои Сарвари давлат, ҷиҳати таъсиси ҷойҳои нави корӣ, саросар ба касбомӯзи фаро гирифтани аҳолии аз 18-сола боло як қатор тадбирҳои иловагӣ роҳандозӣ гардида истодаанд.

Дар ин раванд, Барномаи давлатии касбомӯзии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025 ва Барномаи рушди ҳунармандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 -2025 мавриди амал қарор доранд.

Новобаста аз ин, таҳлили рақамҳои омори расмӣ доир ба шуғли ҷавонон ва сатҳи бекорӣ дар миёни онҳо нишон медиҳад, ки тадбирҳои пешбинишуда ва амалишаванда оид ба дастгирии иҷтимоии ҷавонон бояд тақвият дода шаванд.

Аз ин рӯ, дар баробари фарогирии ҷавонон ба таҳсилоти касбӣ, масъалаи хеле муҳим – ин таъмини онҳо бо ҷойи кори доимӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт мебошад, зеро ин нишондиҳанда омили асосӣ барои коҳиш додани сатҳи бекорӣ дар байни ҷавонон ба ҳисоб меравад.

Бо назардошти рушди иқтисодиёти ҷаҳон дар заминаи платформаҳои рақамӣ, вазорат таҷрибаи омӯзиши ҷавононро дар заминаи чунин платформаҳо тадриҷан роҳандозӣ намуда истодааст, ки дар оянда барои мустақилона бо ҷойи кор таъмин шудани онҳо мусоидат менамояд.

Татбиқи тадбирҳои мазкур имкон медиҳад, ки сатҳи шуғлнокии ҷавонон баланд бардошта шуда, сатҳи рақобатпазирии онҳо дар бозори меҳнат тақвият ёбад.

Дар баробари ин, бо назардошти рақамҳои оморӣ оид ба вазъи шуғлнокӣ ва бекорӣ миёни ҷавонон, ба мақсад мувофиқ шуморида мешавад, ки вазъи иҷтимоии ҷавонон пайваста мавриди пажуҳиш қарор дода шавад ва дар ин замина барномаҳои давлатӣ ва тавсияҳои мушаххас оид ба дастгирии иҷтимоии ҷавонон тарҳрезӣ ва қабул гардида, дар амал татбиқ карда шаванд.

**АЛИЗОДА Алишер Ҳикматулло,**
**муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**МД «Маркази таълими калонсолон»: 250-35-42, 250-35-44**

№ 16
04 ОКТЯБРИ СОЛИ 2023
Нашрияи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Шуғл ва МУҲОҶИРАТ

# УФУҚҲОИ НАВИ ДӮСТИВУ ҲУСНИ ҲАМҶАВОРӢ

**Ниятҳои неки ҳамзистии осоишта, ҳусни ҳамҷаворӣ бо давлатҳои минтақа ва ҷаҳон яке аз паҳлуҳои дигари сиёсати сулҳофар, созанда, хирадмандона ва бобарори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Мисоли инро мо дар шарикии стратегӣ будани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон мебинем, ки дар доираи он байни ду давлати дӯсту ҳамсоя дар соҳаҳои гуногуни иҷтимоиёт, иқтисодиёт ва фарҳанг созишномаҳо ва шартномаҳои дуҷониба ба тасвиб расида, барои амалишавии онҳо аз ду ҷониб то кунун корҳои зиёде ба анҷом расидаанд.**

Аз ҷумла, барои ҳарчи бештар ошноӣ ва огаҳӣ пайдо кардани шаҳрвандони Ҷумҳурии Қазоқистон аз расму русум, ҳунарҳои мардумӣ ва таомҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мувофиқаи ҷонибҳо ва бо супориши бевоситаи Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар даҳаи сеюми моҳи августи соли 2023 дар шаҳрҳои Остона, Алмаато ва Шимкенти Ҷумҳурии Қазоқистон ташкил ва баргузор намудани Рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳуриии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Қазоқистон бо пешниҳоди намоиш, ярмаркаи фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, саноатӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва таомҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нақша гирифта шуд.

Дар ин росто, дарҷ намудан ба маврид аст, ки ҳар як минтақаи кишвари мо бо ҳунарҳои хоси мардумӣ ва таомҳои миллии худ беназир буда, ҳунарҳои қадимаи кишварамон то ҳол ҳифз ва мувофиқи талаботи замони муосир такмил ёфта истодаанд. Дар давоми ду даҳсолаи охир бо ташаббуси давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳунарҳои мардумӣ, аз қабили зардӯзӣ, гулдӯзӣ, чакандӯзӣ, кандакорӣ дар рӯйи чӯб, заргарӣ, кулолгарӣ, қолинбофӣ ва дигар анъанаҳои миллӣ эҳё гардида, шаклу услуби нав касб намуданд.

Ногуфта намонад, ки айни замон соҳибкорони инфиродӣ, ки ба дӯзандагӣ, бофандагӣ ва фурӯши либосҳои миллӣ машғуланд, тибқи қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра аз пардохти андоз озод карда шудаанд. Ҳоло дар саросари кишвар садҳо устохонаҳои хурд, марказҳои таълимӣ, мактабу литсейҳои махсус ба наврасону ҷавонон касбу ҳунар меомӯзонанд. Бо дастгирии бевоситаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ин марказҳои таълимӣ ва бозомӯзии шаҳрвандони касбу кор пайваста шароиту имкониятҳои хуб фароҳам оварда мешаванд.

Ба муносибати эълон гардидани «Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ синфҳои қаблан таъсисёфтаи ҳунарҳои мардумӣ шароиту имкониятҳои бештар пайдо намуда, фаъолияти онҳо васеъ гардид. Дар ин замина, барои омӯзиши ҳунарҳои хоси миллӣ курсҳои кӯтоҳмуддати гулдӯзӣ, дӯзандагӣ, кулолгарӣ ва қолинбофӣ кушода шуда, занону ҷавонони бекор ба касбу ҳунаромӯзӣ ҷалб карда мешаванд. Синфхонаҳо бо дастгоҳҳои хурди бофандагии алоча, адрас, қолинбофӣ ва дастгоҳҳои замонавӣ муҷаҳҳаз шудаанд, ки метавонанд барои тайёр кардани мутахассисон дар соҳаи саноати сабук, дӯзандагӣ ва гулдӯзӣ ҳамчун заминаи моддию техникӣ хидмат кунанд.

Барои омодагии ҳамҷониба гирифтан ба ташкилу баргузории рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Қазоқистон давоми моҳи август корҳои зиёде ба анҷом расонида шуданд. Аз ҷумла, вазорат бо мақсади сари вақт иҷро намудани супоришҳои болозикри Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар навбати аввал барои омода кардани маҳсулоти ҳунармандӣ бо вазоратҳои кишоварзӣ, корҳои хориҷӣ ва саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоятҳои Суғду Хатлон, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, Ташкилоти ҷамъиятии Иттифоқи ҳунармандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ЧДММ-ҳои “Асрори санг” ва “Рухом” ҳамкориҳо ба роҳ монд.

Барои ҳалли масъалаҳои омодагӣ ва муайян намудани макони баргузории ҷаласаҳо, форумҳо, намоишгоҳҳо ва дигар макони баргузории чорабиниҳо ва инчунин баргузор намудани вохӯриҳо бо масъулони ҷониби Ҷумҳурии Қазоқистон аз санаи 29 июн то 2 июли соли равон муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ализода А.Х. дар гурӯҳи корӣ ба ҳайси аъзо ба шаҳри Остонаи ин давлат сафари корӣ намуд. Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳунармандӣ дар ташкили намоиш, ярмарка-фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, саноатӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва таомҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар майдонҳои «Муҷассамаи 25-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Қазоқистон» дар шаҳри Остона, «Абай»-и шаҳри Алмаато, Маркази маъмурии хизматрасонии “Коркем”-и шаҳри Шимкенти Ҷумҳурии Қазоқистон саҳми назаррас гузошт. Давоми рӯзҳои аз 26 то 28 августи соли равон аз ҷониби ташкилоту корхонаҳо ва ҳунармандону кишоварзон молу маҳсулоти кишоварзӣ, саноатӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва таомҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳрҳои Остона, Алмаато ва Шимкенти Ҷумҳурии Қазоқистон ба тамошои сокинони ин шаҳрҳо пешниҳод намуд.

Дар пойтахти Ҷумҳурии Қазоқистон шаҳри Остона 26 август бо иштироки Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим Ҷомарт Тоқаев дар майдони «Муҷассамаи 25-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Қазоқистон» расми кушодашавии рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Қазоқистон доир гардид. Худи ҳамон рӯз ҳамин гуна расми кушодашавӣ дар майдони «Абай»-и шаҳри Алмаато, Маркази маъмурии хизматрасонии “Коркем”-и шаҳри Шимкенти Ҷумҳурии Қазоқистон бо иштироки шахсони расмии ҷонибҳо сурат гирифта, барномаҳои консертии маросими ифтитоҳи рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳрҳои зикршудаи Ҷумҳурии Қазоқистон, ки аз ҷониби устодони санъати тоҷик пешкаш гардид, хело хотирмон буданд.

Дар маҷмуъ, ташкилу баргузории чунин чорабинии байналмилалӣ дар сатҳи баланд дар шаҳрҳои Остона, Алмаато ва Шимкенти Ҷумҳурии Қазоқистон бозгӯи он буд, ки мардуми кишвари мо метавонад, дар партави сиёсати сулҳофар, созанда ва бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастовардҳои дар давоми 32 соли Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бадастовардаашро бо сари баланд, бо як ҳусни ҳамҷаворӣ ва ҳамдигарфаҳмиву ҳамдилии халқҳо дар намоишгоҳҳои сатҳи баланд пешниҳод намояд.

**Муталиб ОРМОНОВ,**
**сардори шуъбаи таълими калонсолон ва ҳунармандии Раёсати таҳсилоти ибтидоии касбӣ, таълими калонсолон ва рушди ҳунармандии ВМШША ҶТ**












МД «Агентии бокортаъминкунӣ дар хориҷа»: 221-40-15

# ХУШБАХТИИ ИНСОН – ДАР ИНТИХОБИ ДУРУСТИ КАСБ

**Кадом вақт инсон дар зиндагӣ муваффақ мешавад? Ҳамон вақте ки ӯ касбашро дуруст интихоб карда бошад. Мақолаи зер фарогири ҳамин мавзуст. Дар он аз тарзи интхоби дурусти касб суҳбат меравад.**

Роҳнамоии касбӣ аз чаҳор самти асосӣ иборат аст:

**1. Роҳнамоии касбӣ** ҳамчун манбаи маълумот дар бораи бозори меҳнат, талаботи ҷорӣ ва ба нақша гирифташуда ба баъзе касбҳо, талаботи онҳо ба дониш, малака ва қобилияти ҷисмонии шахс, инчунин маълумот додан дар бораи барномаҳои гуногуни таълимӣ дар мактабҳои миёнаи махсус ва олиро дар бар мегирад.

**2. Роҳнамоӣ ва машварати касбӣ**, ки дар он бо истифода аз воситаҳои васеъ (санҷишҳои роҳнамоии касбӣ, адабиёт, мушоҳида, машварат ва ғайра) маҳорат ва шавқу завқи ҳар як шахси алоҳида ташхис ва бо талабот ба касбҳо муқоиса карда мешавад. Тавсияҳо ва роҳҳои имконпазири гирифтани маълумоти мувофиқ ва пурратар дар фаъолияти меҳнатӣ таҳия карда мешаванд.

**3. Интихоби касбӣ** дар бораи қобилияти кор кардан аз рӯи ихтисоси муайян ва мувофиқ будани ӯ барои кор дар самтҳои гуногун хулосаҳои низоӣ медиҳад.

**4. Мутобиқшавии касбӣ**, дар навбати худ, бо равандҳои мутобиқ кардани шахс ба шароит, талабот ва мундариҷаи касби интихобкардааш машғул аст.

Бинобар ин, вазифаи асосии машваратдиҳандаи касбӣ аз он иборат аст, ки ба ҷавонон, шахсони бекор ва шахсоне, ки мехоҳанд касби худро иваз намоянд, дар интихоби дурусти касб, ки ба шавқу ҳавас, қобилияту истеъдоди онҳо мувофиқ аст, инчунин бо назардошти талаботи ҷамъият нисбати мутахассисон кумаки амалӣ расонад.

Ҳадафи машваратчии касбӣ - ин ҳаматарафа омӯхтани шахсияти тадқиқшаванда ва додани маслиҳатҳои пухтаю асоснок барои интихоби касби оянда мебошад. Лекин ин маслиҳатҳо набояд ба таври фармони қатъӣ амалӣ шаванд, балки шакли дастурӣ дошта, ҳамчун ёрии



беғаразона ба ҷавонон, ба ташаккулёбии нақшаҳои асоснокшудаи касбии онҳо бояд мадад расонанд.

Кормандони Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ бо ризогии шаҳрвандон ва бо назардошти майлу рағбат, қобилият ва тайёрии касбӣ ройгон машваратҳои касбӣ, психологӣ баргузор менамоянд. Машваратҳои касбӣ бо одамони бекор дар бозорҳои «Марди кор», ярмаркаҳои ҷои кори холӣ ва марказҳои шуғли аҳолии ноҳияҳо гузаронида мешаванд.

Аз рӯйи таҷрибаҳое, ки ба даст омадаанд, масъалаи интихоби касбро ба ҳалли секунҷае ташбеҳ додан мумкин аст: аввал - донистани имкониятҳои худ, шавқу рағбат, қобилият, хусусиятҳои саломатӣ; дигар - сифатҳои муҳими касбӣ; сеюмаш - донистани талаботи касб нисбати шахс.

Ҳар як касбинтихобкунанда агар ба ҳамин 3 савол ҷавоб гардонида тавонад пас касбашро дуруст интихоб кардааст:

1) Чӣ мехоҳам - шавқу ҳаваси шахс нисбати касб?

2) Чӣ кор карда метавонам - донишу малака саломатӣ, донишам мерасад ба ин касб ё саломатиам имкон намедиҳад?

3) Чӣ лозим аст - ҳамин касби интихобкардаам ба ҷамъият лозим аст ё не?

Ҳамчунин, омили муҳимми дигареро, ки ҷавононро дар интихоби касб бояд ба инобат гиранд, ин доштани маълумоти мукаммал оид ба касбҳое, ки барои баланд бардоштани иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон заруранд, мебошад. Зеро ватани тозаистиқлоли мо роҳи нави тараққиёти босуръатро пеш гирифтааст. Аз ин рӯ, ҷавононро лозим аст, ки малакаву дониш ва истеъдоди худро барои соҳиб шудан ба касбҳои ба бозори меҳнат ҷавобгӯ мувофиқ созанд.

Мақсади ниҳоии инсон бояд на танҳо соҳиб шудан ба ин ё он касб бошад, балки хушбахтӣ ва қаноатмандии аслиро шахс он вақт эҳсос мекунад, ки аз касби ӯ Ватан обод ва халқ манфиат бинад.

Дар ҳалли ин масъалаи душвор ва муҳим ба насли наврас мо бояд кумакрасон бошем. Хонандагон мустақилона аз уҳдаи ҳалли ин масъала намебароянд. Дар кори тарғиби интихоби касб ҳамаи таълимгоҳҳо, марказҳои шуғли аҳолӣ, таъминоти иҷтимоӣ ва ғайра бояд иштирок намоянд. Ба воситаи машварат шахс метавонад майл, шавқу ҳавас, қобилият, имкониятҳои худро маълум намуда, баҳри бартараф кардани норасоии худ бикӯшад. Хислатҳои манфии худро рафъ сохта, қобилияти худро сайқал бидиҳад, фаъолона нақшаҳои ояндаи касбии худро тартиб дода, аз паси амалӣ гардонидани онҳо кӯшиш ба харҷ диҳад.



**Иброҳим АБДУЛЛОЕВ,**
**муовини директори**
**МД «Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ»**

# СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ПРАВОВОГО ВОСПИТАНИЯ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ

**Формирование правосознания личности означает также условий при которых у граждан появляется положительно отношение к правду. Правильное воспитание каждой отдельной личности ведет к сознанию культурного общества. Правовое воспитание отличается своей целенаправленностью на повышение правовой культуры человека, группы людей и в целом обществе.**

Правовое воспитание неразрывно связано и реализуется через правовое образование непосредственное получение знаний. Воспитание проходить с обучением.

Целью правового обучения является формирование теоретической основы правового сознания и правовой культуры, развитии правовых интересов, правового мышления. Нужно ознакомить граждан с идеалами правовых опытом и традициями других стран, где уровень правовой защищенности личности человека находится на высоком уовне.

Воспитание граждан правового государства общество во многом связывается с личностью учителя. Научными знаниями, педагогическим мастерством. Основанной задачей построения педагогической системы является определение кругознаний необходимых личности для её социализаций.

Учитель должен быть готов формировать, учащегося и воспитанника в области правовой идеологии. Педагог должен занять новый сектор области педагогики: защиту личности ребенка, защиту своей профессиональной деятельности.

Система правового воспитания охватывает различные категории воспитываемых граждан, деятельность государственных органов по осуществлению правовоспитательной функции.

Любая форма правового воспитания выступает как внешнее выражение, оформление право-воспитательного воздействия, его определена внешняя организация, а правовоспитальное средство представляет собой канал, источник правовой информации с помощью которого осуществляется правовое воспитание.

Система мероприятий правового всеобуча включает работу специальных правовых семинаров, школ, курсов которые организуются государственными и общественными органами как на коммерческой так и на бюджетной основе.

К форме правовоспитательной работы через средство массовой информации относятся беседы на правовые темы, дискуссия по актуальным вопросам. Политика - правовых отношений, комментарии нового законодательства специалистами.

Читаемое общества знания, история, философии, основы права позволяют объяснить и закрепить в сознании будущих педагогов основанные правовые понятие в их взаимосвязи и развитии.

Формируя правосознание и правовую культуру будущего педагога, нужно учитывать то обстоятельство, что ученик неразрывно связан с обществом, является продуктом его культурного развития.

В процессе подготовки педагога огромное значение играет его професиальное педагогическая компетентность. От нее в немалой степени зависим авторитет учителя в глазах обучаемых, и процесс обучения в целом.

**Шерали ДАВЛАТОВ,**
**учитель военной гимназия**

**МД «Марказҳои машваратӣ ва омодагӣ»: 225-05-75, 225-02-21**

# ҲУҚУҚҲОИ МЕҲНАТИИ МАН

**Суол. Аз муоинаи тиббӣ гузаронидани кормандон дар асоси кадом санадҳо амалӣ карда мешавад?**

**Посух**. Пеш аз ҳама, бояд гуфт, ки мутобиқи моддаи 26 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ба кор дохил шудан, ҳуҷҷати аз муоинаи тиббии пешакӣ гузаштан (барои шахсоне, ки тибқи Кодекси мазкур ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадоранд аз чунин муоина гузаранд) талаб карда мешавад.

Дар баробари ин, мутобиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2021, №174 "Дар бораи Тартиби гузаронидани муоинаҳои тиббии ҳатмӣ" муоинаҳои тиббии ҳатмии қаблӣ аз ҳисоби шаҳрвандон гузаронида мешаванд. Муоинаҳои ҳатмии даврвӣ ва ғайринавбатии тиббӣ тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи маблағҳои пешбининамудаи буҷетӣ, аз ҳисоби мабалағҳои худӣ, махсус, корфармо, шаҳрвандон ва дигар манбаъҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараён мегиранд.

Ҳамзамон, дар асоси моддаи 333 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон Корфармо уҳдадор аст, пешакӣ ҳангоми бастани шартномаи меҳнатӣ ва дар раванди кор давра ба давра кормандонеро, ки шароити корашон вазнин, зарарнок ва ё хатарнок аст, аз ҷумла, дар корҳои зеризаминӣ ва шабона, ҳамчунин бо воситаҳои нақлиёт кор мекунанд, ба мақсади муайян кардани мутобиқати кори иҷрошаванда ба саломатии онҳо ва пешгирии беморихои касбӣ ҳатман аз муоинаи тиббӣ гузаронад. Аз муоинаи тиббӣ гузаштани корманд аз ҳисоби маблағҳои корфармо амалӣ карда мешавад.

Яъне, ҳангоми ҳамчун шаҳрванд муроҷиат намудан аз муоинаи тиббӣ гузаштан аз ҳисоби шаҳрванд амалӣ карда мешавад ва ҳангоми ба кор дохил шудан корфармо вазифадор аст (аз дилхоҳ маблағҳо) кормандони худро аз муоинаи тиббӣ гузаронад. Дар ин ҳолат аз корманд маблағ ситонида намешавад.

Маҷбур намудани корманд барои гузаштани муоинаи тиббӣ аз ҳисоби корманд хилофи Кодекси меҳнат ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳамзамон, санҷишгарон низ наметавонанд кормандро барои муоинаи тиббӣ нагузаштан муҷозот диҳанд. Танҳо дар ҳолати аз ҷониби корманд рад намудан аз гузаштани муоинаи тиббӣ (ҳангоме, ки корфармо ҳамаи кормандонашро аз муоинаи тиббӣ мегузаронад), корманд масъул мешавад ва дар ин ҳолат ӯ муҷозот мегардад. Дар дигар ҳолатҳо корманд метавонад ба суд муроҷиат намояд.

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки талаботи тартиби мазкурро риоя намекунанд, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Кормандони маъмурию техникӣ ва хоҷагидории корхона, ташкилот ва дигар муассисаҳо новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоравиашон, ки дар руйихати мунтазам аз муоинаи тиббӣ гузаштан сабт нагаштаанд, мутобиқи соҳаи фаъолияташон соле 1 маротиба аз муоинаи тиббӣ мегузаранд.



**Мутобиқи бандҳои 150.** Ба муоинашавандагон пешниҳод намудани дафтарчаи шахсии тиббӣ ва пешбурди ҳисобот аз тарафи муассисаҳои тиббие, ки муоинаи тиббиро мегузаронанд, ба амал баровarда мешавад.

151. Тартиби бақайдгирӣ ва пешбурди ҳисоботдиҳии дафтарчаҳои шахсии тиббӣ аз тарафи мақомоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ назорат карда мешавад.

152. Дафтарчаи шахсии тиббие, ки ба муоинашавандагон пешниҳод карда мешавад, дар дафтари махсус тибқи замимаи 18 тартиби мазкур бо нишондоди насаб, ном, номи падар, синну сол, суроға, номи ташкилот ва мансаб, санаи пур кардани дафтарча ва рақами силсилавӣ ба қайд гирифта мешавад.

Аз муоинаи тиббӣ гузаронидани махсусан омӯзгорон ва духтурон на аз ҷониби кормандон, балки аз ҷониби корфармо амалӣ карда мешавад ва ин тибқи моддаи 333 Кодекси меҳнат танзим шудааст ва дар самти меҳнат санади асосӣ мебошад ва нисбати қарорҳо ва санадҳои локалии соҳавӣ болотар мебошад.

**Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ**

# ИСЛОМ ДИНИ СУЛҲУ САЛОҲ ВА БАРОДАРИСТ

**Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми апрели соли 2013 чунин таъкид шудааст: «Мутаассифона, дар олами ислом равияҳое низ арзи вуҷуд кардаанд, ки баъзе амалҳояшон ба фитнакориву тафриқаандозӣ равона гардидаанд. Ин ба моҳияти дини мубини ислом мухолиф аст ва ба он иснод меорад».**

Дар замони мо шахсоне, ҳизбу ҳаракатҳо ва созмонҳое ҳастанд, ки кӯшиш менамоянд, мақсаду маром, ғояву андеша, афкор ва нақшаҳои худро бо ҳар роҳу васила ва ҳатто бо амалҳои тундравона амалӣ созанд. Ба ақидаи аксари муҳаққиқон, сиёсатшиносон, рӯзноманигорон экстремизм бештар аз ҳама дар соҳаи дин дучор меояд.

Сабабу решаҳои он дар чист ва омилу ангезаҳои он кадомҳоянд? Ба ин савол ҷавоби дақиқу мушаххас додан душвор аст. Ба ҳар ҳол, баъзе сабабҳо, решаҳо, омилҳо ва ангезаҳои асосӣ ва умумии онро номбар кардан мумкин аст.

Аввалан, афзудан ва густариши ҳисси итминони одамон ба фардо (ҳисси маъюсӣ, нобоварӣ, парешонӣ аз зиндагӣ). Файласуфи машҳури англис Антони Гидденс навишта буд, ки «мо акнун дар аср (замон)-и хатару таваккал (риск) зиндагӣ дорем».

Дуюм, ҷараёни бошиддати ҷаҳонишавӣ (глобализатсия) олами моро тағйир медиҳад, тамаддун, фарҳанг, анъана, урфу одат, дину мазҳаб ва суннатҳои анъанавиро заиф месозад ва ҳатто тамоман аз байн мебарад. Натиҷаи он на ҳама вақт мусбату дилхоҳ аст ва ин падида эҳсоси нотавонӣ, заифӣ, маъюсӣ ва дар бисёр маврид танаффур (нафрат), эътироз ва муқобилиятро ба миён меорад. Ин омил метавонад боиси бегонагӣ ва ҷудоӣ аз раванди ягонагӣ, ҳамкорӣ, ҳамзистӣ, таҳаммулпазирӣ гардад.

Сеюм, омиле, ки бештар дар ҷаҳони ислом, дар байни мусулмонон роиҷ аст, эҳсоси беадолатӣ нисбат ба ислом ва пайравони он аст.

Аксари мусулмонони олам чунин мешуморанд, ки нисбат ба онҳо мамолики Ғарб сиёсати дурӯя, меъёру стандартҳои мунофиқонаро ба кор мебаранд. Мутаассифона, аксари онҳое, ки бо асли аркони ислом, таърих, фарҳанг, аҳком, фалсафа ва ахлоқи ислом ошно нестанд, чунин меҳисобанд, ки ба ислом хислати ситезу тундравӣ, таҷовузгарой, бадқасдӣ, ғайритаҳаммулпазирӣ хос аст. Ин андешаи мутлақо ғалат аст. Зеро «Қуръон», ҳадис, тамоми аҳкому аркони ислом ва фалсафаю ахлоқи он бар пояи адолат, бародарӣ, бародарӣ, озодӣ, амният бунёд ёфта, зарурати сулҳ, ризоият, таҳаммул, оромӣ, амният, адолатро бо тамоми зуҳуроти он дар тамоми ҷабҳаҳои зиндагӣ таъкид ва фармудааст. Ислом дини сулҳу салоҳ ва бародарист, на барқасдиву бетаҳаммулӣ.

Мо муътақидем, ки ифротгароӣ ва терроризм динӣ буда наметавонад, балки терроризм ва ифротгароии мавҷудбуда метавонад, ки шиорҳои диниро ҳамчун ниқоб истифода кунанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон муборизаро бар зидди терроризм ҳамчун вазифаи муҳимтарини таъмини амнияти миллии худ, минтақа ва ҷаҳон баррасӣ намуда, барои тақвияти минбаъдаи ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин самт талош меварзад. Асоси ҳуқуқии ин фаъолиятро дар кишвари мо уҳдадориҳои байналмилалии он, Конститутсия, Кодекси ҷиноӣ, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» аз 2 январи соли 2020, №1655 ва «Дар бораи муқовимат ба терроризм» 23 декабри соли 2021, №1808 ва Консепсияи ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ) ташкил медиҳанд.

Бо Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 ноябри соли 2016, №776 барои солҳои 2016-2020 ва аз 1 июни соли 2021, №187 Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2021-2025 тасдиқ карда шуд. Стратегияи мазкур самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар самти муқовимат ба экстремизм ва терроризм муайян намуда, вазифаҳои мақомоти давлатиро ҷиҳати аз байн бурдани омилҳои ба экстремизм ва терроризм мусоидаткунанда мушаххас менамояд. Назорати иҷрои Стратегияи миллӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ вобаста ба иҷрои он ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шудааст.

Имрӯз, ки Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар ҷаҳон мавқеи худро ёфта, ҳамчун як узви ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф шуда, пеш рафта истодааст ва ин барои баъзе қувваҳои дохилию берунӣ писанд нест ва онҳо мехоҳанд, ки ҷомеаи мо ноором бошад, аз ин лиҳоз ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои бегонаро дастгирӣ менамоянд.Аз ин ҷо, мо бояд ҳушёр бошем, дар атрофи Сарвари давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон муттаҳид гардида, худшиносӣ ва ғурури миллиамонро баланд бардорем, Ватанамонро, ки Тоҷикистон ном дорад, ҳифз намоем ва обод созем. Парчами ваҳдати миллиро ҳамеша боло бардорем.

**А.Қ. ИСОЕВ,**
**сардори шуъбаи коргузорӣ ва назорати ВММША ҶТ**

**Раёсати Хадамоти муҳоҷират дар вилояти Суғд: 834-22-6-51-99**

# ГУРӮҲҲОИ ИФРОТГАРО - ДУШМАНИ СУЛҲУ СУБОТ



Руҳониёну исломшиносон борҳо таъкид ва худи мардум ҳам кай-ҳо дарк кардаву муътақиданд, ки гурӯҳҳои ифротӣ амалеро бо номи «ҷиҳод» анҷом дода истодаанд, ки ба исломи асил иртиботе надорад. Бо ин амалҳои нопоки худ онҳо хуни ҳазорҳо нафар бегуноҳро рехта, кӯдаконро бесарпаноҳу занонро ба ҳалокат расонида истодаанд. Бинобар ин, ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ барои таъмини сулҳу субот ва истиқлоли Ватани азизамон, оромиву ободии кишвар ва рӯзгори босаодати шаҳрвандон тамоми имкониятҳоро бояд истифода баранд. Зеро сулҳе, ки бо талошҳои Пешвои муаззами миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Тоҷикистон омад, нодиртарин ва қиматтарин неъмат мебошад.

**Қурбоналӣ ҚОДИРЗОДА,**
**ноҳияи Кӯшониён**

***

Гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористӣ бо ҳар роҳ шомилшавӣ ба сафҳояшонро бо фиристодани паёмакҳо бо телефон ва саҳифаҳои иҷтимоии интернетӣ таблиғ менамоянд. Бинобар ин, ба паёмаку даъватҳои ношинос ва шубҳаовар ҷавоб надиҳед, ба расму видеоҳои хусусияти даъватию таблиғотидоштаи ин гурӯҳҳо қайд (лайк) нагузоред.

Дар чунин ҳолатҳо беҳтар аст, ки ба сафоратхонаву консулгарии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Намояндагии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ дар ФР оид ба муҳоҷират ва ташкилотҳои ҷамъиятии тоҷикон ва диаспораҳо дар ҳудуди ФР муроҷиат намоед.

**Ҳ. САМАДОВ,**
**шаҳри Норак**

***

Нақши фарҳанг, ташвиқоту тарғиботи таълиму тарбияи насли наврас дар таҳкими эҳсоси ватандорӣ, худшиносии миллӣ, эҳтиром ба таърихи ниёгон ва дар пешгирӣ аз низоъҳои иҷтимоӣ бағоятт бузург аст. Беҳуда нест, ки қувваҳои манфиатҷӯӣ дар оғози амалҳои ғаразноки худ аввал арзишҳои фарҳангӣ - маънавӣ (ахлоқию динӣ)-ро коҳиш дода, баъдан ҳисси нобоварӣ эҷод намуда, ба амалҳои зишт ва хавфноки худ даст мезананд.

Аз ин рӯ, омӯзгорон ва падару модарон бояд, ки ба хатари терроризм ва ифротгароӣ ба ҷавонону наврасон корҳои фаҳмониданро пурзӯр намуда, онҳоро баҳри ватандӯстиву хештаншиносӣ ҳидоят намоянд.

**Х. ШАРИПОВ,**
**ноҳияи Данғара**

***

Терроризм ва экстремизм ҳамчун вабои аср ба амнияти ҷаҳон ва осудагии ҳар як сокини сайёра таҳдид карда, барои башарият хатари на кам аз силоҳи ядроиро ба миён овардааст ва қурбониёни ҳарҷи бештари терроризм дар ин ё он минтақа асосан ҷавонон мебошанд. Аз ин рӯ, мо, ҷавононро мебояд, ки зиракии сиёсиро аз даст надода, сабаби пайдоиш ва нестшавии афкори терроризмро амиқ ва пайваста биомӯзем ва барои рафъи он кӯшиш ба харҷ диҳем, то ки сулҳ, ваҳдат ва амнияти кишвари азизамон ҳифз гардад.

**Роҳила СУЛТОНОВА,**
**шаҳри Душанбе**

**Эълон!**

**Нашрияи "Шуғл ва муҳоҷират" ба маълумоти хонандагон мерасонад:**
Нафаре, ки аввалин ҷавоби сканвордро дуруст пур карда, ба нашрия мерасонад, бо мукофотпулӣ қадрдонӣ карда мешавад.
Почтаи электронии мо - **Rrohnamo@mail.ru**; +992 93-483-36-36




**Раёсати Хадамоти муҳоҷират дар вилояти Хатлон: 8-3222-2-38-08**

Нашрияи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шуғл ва МУҲОҶИРАТ

## ИФТИХОРИ ТОҶИКИСТОН




25 сентябр паҳлавони тоҷик Сомон Маҳмадбеков дар Бозиҳои Осиёии Ҳанжоу-2022 медали тилло ба даст овард.

Ёдовар мешавем, ки ба ғолибону ҷоизадорони Бозиҳои Осиёӣ Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад. Ба варзишгароне, ки дар мусобиқаи мазкур медали тилло мегиранд, 150 000 сомонӣ, медали нуқра 100 000 сомонӣ ва медали биринҷӣ 50 000 сомонӣ мукофотпулӣ дода мешавад.

Бо такя ба сиёсати хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат бахри дастгирии варзишгарон дар Бозиҳои 19-уми Осиёӣ қарори дахлдори Раиси шаҳри Душанбе низ ба тасвиб расидааст, ки тибқи он, ба гирандагони медали тилло хонаи 3 ҳуҷрадор, медали нуқра 2 ҳуҷрадор ва медали биринҷӣ хонаи 1 ҳуҷрадор тақдим мегардад.

**АМИТ "Ховар"**

## ДАР БОРАИ ЗАБОН

Забони тоҷикӣ – ин ёдгории маънавии миллиамон ҳамчун оинаи таърихи деринаи халқамон, инъикосгари урфу одат ва расму анъанаҳои милливу давлатдории мо мебошад.

**Эмомалӣ Раҳмон**

***

Хирадманд бошу беозор бош,
Ҳамеша забонро нигоҳдор бош.

**Фирдавсӣ**

***

Забон бузургтарин дороии ҳар як халқ аст.

**Шолохов**

***

Аз арзишмандии забони мо дар ҳайрат мемонед, ҳар ҳарфу ҳиҷо дар он ба мисли гавҳару зарпора аст.

**Гогол**

***

Забонамонро эҳтиёт намоед, он забони хеле зебову шево аст, ки чун ганҷинае аз ниёгонамон ба мерос мондааст.

**Тургенев**

**Гирдоварии Т. Пиров**

## ДАР БОРАИ КИТОБ

Китоб яке аз муҳимтарин воситаи маърифатнок кардани аҳли ҷомеа буда, қобилияти сухандониву суханрониро сайқал медиҳад, доираи андешаи тафаккур ва ҷаҳонбинии инсонро васеъ ва ӯро ба роҳи дурусти зиндагӣ роҳнамоӣ мекунад.

**Эмомалӣ Раҳмон**

***

Рӯе, ки нагардад зи касе, рӯи китоб аст.

**Соиб**

***

Баргу сози мо китобу ҳикмат аст,
Ин ду қувват эътибори миллат аст.

**Иқбол**

***

Хона бидуни китоб бадани бе рух аст.

**Сисру**

***

Хушбахт касест, ки ба яке аз ин ду чиз дастрасӣ дорад: китобҳои хуб ё дӯстоне, ки аҳли китоб бошанд.

**(Сухани ҳаким)**

***

Китоб муаллимест, ки бидуни асо ва тозиёна моро тарбият мекунад.

**(Сухани ҳаким)**

**Гирдоварии Т. Пиров**

## «ЗАРУРИЯТ» НЕ, «ЗАРУРАТ»!

Панҷ мусофир дуруст, на панҷ мусофирон.
Даҳ корхона дуруст, на даҳ корхонаҳо.
Бовар дуруст аст, на боварӣ.
Духтури дандонпизишк не, танҳо дандонпизишк ё духтури дандон дуруст мебошад.
Рушди бемайлон не, балки рушди устувор, рушди босубот ё рушди бехалал гуфтан ҷоиз аст.
Муаррифгар не, муарриф бояд навишт.
Эҳтиромона не, муҳтарамона, бо эҳтиром, эҳтиромкорона бояд навишт.
Ҳасудхур не, ҳасадхур, ҳасуд бояд гуфт.
Ғайриимкон не, ғайримумкин, номумкин бояд навишт.
Маҳсуб меёбад не, маҳсуб мешавад, ҳисоб меёбад бояд гуфт.
Ҳаддалимкон не, ҳатталимкон, бо қадри имкон бояд гуфт.
Хатоӣ, хатогӣ не, хато бояд навишт.
Сангҳои қимматнок не, сангҳои қиматӣ дуруст аст
Мӯҷиб не, боис бояд навишт.
Ҳароийна не, ба ҳар ойин бояд гуфт.
Рӯзғор не, рӯзгор бояд навишт.
Ғоят не, ҳадди охир, ниҳоят.
Такаббурӣ кардан не, кибр кардан, такаббур кардан гуфтан дуруст аст.
Хасу хошок не, каҳ, алаф навиштан дуруст аст.
Муассир - ҷолиб.
Мутаассир – таъсирбахш.
Сукунат - ором гирифтан, муқим шудан.
Сукут - сокит шудан, хомӯш шудан.
Қарор баровардан не, қарор кардан бояд гуфт.
Ҳукм баровардан не, ҳукм кардан бояд навишт.
Ба ҷойи «Азбаски» – чун, бо сабаби он ки, аз боиси он ки навиштан дуруст аст.
Шомил - фарогиранда, дарбаргиранда (арабӣ).
Машмул - ворид (ба ҷойи шомил машмул гуфтан дуруст аст).
Бурдборӣ не, сабр, тоқат, ҳамдардӣ гуфтан ҷоиз мебошад.
Саҳфа не, саҳифа, сафҳа гуфтан дуруст.
Авф не, афв бояд навишт.
Ҳашаммат не, ҳашмат, ҳадаму ҳашам, муҳташам бояд навишт.
Тазаккур дод не, бояд ёдоварӣ кард, бояд зикр кард гуфтан дуруст аст.
Фарқият не, фарқ.
Бартарият не, бартарӣ.
Зарурият не, зарурат.
Фаромадан не, фуромадан.
Фаровардан не, фуровардан.
Муқова не, муқавво ё муқаввӣ навиштан дуруст аст.



# ОБУНА

“Шуғл ва муҳоҷират” - оинаи кор, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ

Суратҳисоби дохилӣ: С/Ҳ 20202972740003103000, К/Ҳ 20402972316264, КИБ 350101626, РМА 040003282. КВД «Рӯзномаи «Шуғл ва муҳоҷират».

Филиали №03 Амонатбонк дар ноҳияи Синои ш. Душанбе. Арзиши солонаи як нусха – 150 сомонӣ аз тариқи суратҳисоби нашрия.



**Муассис: Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Ҳайати мушовара:**

**Ҳасанзода Гулнора Кенҷа,** вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Давлатзода Қиёмиддин,** муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Нодирӣ Шаҳноза Анвар,** муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ализода Алишер Ҳикматулло,** муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Маҳмадзода Сафаралӣ Маҳмад,** сардори Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ

**Нодирзода Иматшо,** сардори Хадамоти муҳоҷират

**Ашурализода Абдураҳмон Ашуралӣ,** директори Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ

Директори КВД «Рӯзномаи «Шуғл ва муҳоҷират» **Фаррух Файзуллоев**

Сармуҳаррир **С. Ёрмаҳмадзода**

Тарроҳ **Абдурозиқ Абунасрзода**

Андеша ва ақидаҳои нашршудаи шахсии муаллифон дар мақолоту гузоришҳо ақидаи расмии Ҳайати мушовараи вазорат маҳсуб намешавад. Дурустии асноду далели мақолаҳо ба уҳдаи муаллифон аст. Идора бо муаллифон мукотиба намекунад, дастхатҳоро бар намегардонад.

**Дар нашриёти ҶДММ «Фасл-4» чоп мешавад**

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 240\РЗ – 97 аз 16 марти соли 2021 номнавис шудааст.

**Нишонӣ:** шаҳри Душанбе, кӯчаи Алишер Навоӣ, 5/2, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**тел: 2503243**

**Обуна ба рӯзнома тамоми сол идома дорад ва дар ҳамаи нуқтаҳои алоқа қабул карда мешавад. Индекс 68959**

**Почтаи электронии мо- Rrohnamo@mail.ru**